Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-029
наздиДонишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

Тақриз
ба автореферати диссертатсияи Ҷӯраев Манучеҳр Бобоқулович дар мавзӯи «Масъалаи инсон дар фалсафаи Абдурраҳмони Ҷомӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа (Душанбе, 2023)

Дар замони муосир талаботи ҷомеа ба камолоти маънавии инсон хеле баланд гардида, рушду нумӯи худшиносӣ, худогоҳӣ, ифтихори миллӣ, дарки истиқлолияти давлатӣ, ҳисси волои ватанпарастӣ, шаъну шарафи шаҳрвандӣ ва дигар хусусиятҳои ҳамидаи инсониро тақозо мекунад. Таълимоти Абдураҳмони Ҷомӣ дар бораи инсон дорои аҳамияти бузурги илмие мебошад, ки дар ҳаёти маънавӣ, фарҳангӣ ва руҳонии ҷомеа мавқеъи шоистаро сазовор гаштааст. Аз ин нуқтаи назар, мавзуи диссертатсияи номзадии Ҷӯраев Манучеҳр Бобоқулович таҳти унвони «Масъалаи инсон дар фалсафаи Абдурраҳмони Ҷомӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа мубраму саривақтист. Дар автореферат Ҷӯраев М.Б. зикр кардааст, ки дар ҷомеаи муосир ба мушкилоти ахлоқӣ мувоҷеҳ гардида, масъалаҳои марказии ахлоқ, аз қабили инсондӯстӣ, ҳамдардӣ, ҳамдилӣ, хизмати беғаразона ва монанди инҳо арзиши худро коста намуда, манфиатхоҳиву манфиатҷӯй ҷойи онҳоро гирифтааст. Ҳаق бар ҷониби унвонҷӯст, ки ин раванд дар ҳаёти иҷтимоиву фарҳангии ҷомеаи тоҷик барало мушоҳида мегардаду бо мақсади ҳифзу ҳимоя ва густариши арзишҳои зикргардида, омӯзиши таълимоти Абдураҳмони Ҷомӣ ва мутафаккирони дигари ҳамаслаки он аз манфиат холӣ нестанд.

Автореферат муҳимияти мавзӯи таҳқиқот, сатҳи омӯзиш ва коркарди мазӯи таҳқиқот, ҳадаф, объект, предмет, фарзия ва вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, усулҳои таҳқиқот, навгониҳои таҳқиқот, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот ва қисматҳои дигарро фаро гирифтааст. Кори илмии мазкур аз муқаддима,

2 боб, хулосаи бобҳо, хулосаи умумӣ, феҳристи адабиёт иборат буда, ҳар дуи бобҳо ба зерфаслҳо ҷудо гардидаанд, ки ба фикри мо давоми мантиқии якдигар мебошанд. Дар муқаддима муҳимияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиш, навгониҳои илмӣ, фарзияи таҳқиқ, нақши муҳаққиқ дар ин масъала, ҳадаф, предмет, объект ва вазифаҳои тадқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии пажуҳиш дарҷ гардидааст.

Интихоби дастгоҳи илмии мувофиқ ба мантиқи таҳқиқот, доираи кофии сарчашмаҳои илмию методӣ ва таълимию иттиллотӣ, методология ва пойгоҳи таҳқиқот, дар маҷмуъ, аз амиқ андешида шудани сохтори диссертатсия шаҳодат медиҳанд. Аз нигоҳи мо, яке аз навгониҳои илмии ҷолиби диссертатсияи мазкур аз он иборат аст, ки бори аввал дар меҳвари илмҳои фалсафии ватанӣ масъалаи инсон дар фалсафаи Абдурраҳмони Ҷомӣ мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифтааст.

Дар раванди таҳқиқот усулҳои умумифалсафӣ; таърихӣ-муқоисавӣ, фалсафӣ-антропологӣ корбаст карда шуда, аз ҷониби муаллифи диссертатсия хулосаҳои амиқи илмӣ пешниҳод гардидаанд.

Дар автореферати диссертатсия баробари комёбиҳо баъзе камбудиҳо, низ дида мешаванд, ки ислоҳои онҳо боиси афзун шудани ҳусни таҳқиқот хоҳад шуд. Онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

1. Хуб мешуд, агар баъзе қисмҳои хулоса бо ҳамдигар муттаҳид карда шаванд.
2. Автореферат бо забони хуби илмӣ навишта шудааст, вале боз дар он як қатор ғалатҳои имлоиву китобат дида мешаванд.

Мақолаҳои дар саҳифаҳои маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ва маҷмуаҳои дигари илмӣ ба нашр расонидаи Ҷӯраев М.. Б. мазмуни кори илмияшро пурра инъикос мекунанд.

Диссертатсияи Ҷӯраев Манучеҳр Бобоқулович бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф мувофиқат намуда, мавзуи рисола ва мазмуну

муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 09.00.03-таърихи фалсафа таъйин шудаанд, комилан мувофиқат мекунад.

Ба ин тариқ, диссертатсияи Ҷӯраев Манучеҳр Бобоқулович дар мавзуи «Масъалаи инсон дар фалсафаи Абдурраҳмони Ҷомӣ» ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум, таҳти №267-ум тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа аст.

Муқарриз:
номзади илми фалсафа, дотсент
мудири кафедраи ҷомеашиносии
Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ
дар шаҳри Хуҷанд **Ҷонназарова Д.Х.**
Тел.: 928460542
Email: dilshoda@mail.ru

Имзои н.и.ф., дотсент Ҷонназарова Д.Х.-ро тасдиқ мекунам.
Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ
дар шаҳри Хуҷанд **Маҳмудов Ш.У.**

Суроғa: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, хиёбони И. Сомонӣ 169
Сайт: iet.tj.

«27» октябри соли 2023